ماهنامه نسیم بخارا. سال اول. شماره دوم و سوم.
بهمن و اسفند ماه ۱۳۸۳ خورشیدی

***Моҳномаи “Насими Бухоро”, соли аввал, шумораи дувум ва севум.***
***Баҳман ва Исфандмоҳи 1383 хуршедӣ***




## *Муқаддима:*

Дар Тоҷикистон китобе ба чоп расида,[1] роҷеъ ба таърих ва таҳаввули забони муосири тоҷикӣ, нависандаи китоб профессор доктор хонуми Мукаррама Қосимова, мудири кафедраи таърихи забон, корҳои бисёре дар заминаи забон ва забоншиносӣ анҷом дода, ки яке ҳамин асар аст. Ин китоби арзишманд ҳафт бахшро дарбар гирифта, бадин тартиб:

1. Таърихи забони адабии тоҷик;
2. Марҳилаи нахусти таҳаввул ва густариши забони меъёр;
3. Вожасозӣ;
4. Вежагиҳои наҳвӣ;
5. Роҷеъ ба маънии баъзе вожаҳои олимақом;
6. Вежагиҳои забонии осори Рӯдакӣ;
7. Вежагиҳои забонии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ;

Дар Хуросони бузург забони дарӣ чордаҳ қарн қабл аз рӯзгори мо корбурди фаъолона дошта, ки як намунаи катбии он ин ду мисраъ аст (аз соли 56 ҳиҷрӣ-қамарӣ):

*Кӯри хамир омад,*

---

[1] Қосимова Мукаррама Набиевна. Таърихи забони адабии тоҷик (садаҳои 9 ва 10). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Китоби 1, Душанбе, 2003, 490 саҳ.

*Хотун[2] дурӯғ кунда[3]*

Забоншиносон собит кардаанд, ки ташаккули забони адабии тоҷикӣ бар асоси гӯйишҳои хуросонӣ ва Осиёи Миёна сурат гирифтааст (саҳ. 6).

Бобоҷон Ғафуров дуруст гуфта, ки қабл аз бунёди давлати Сомониён тоҷикон бо забони модарии худ осори бадеӣ таълиф кардаанд, ки яке аз намунаҳояш "аз Хутталон" аст. Имрӯз собит шуда, ва қароини устувори таърихӣ ва забоншиносӣ бар ин мавзуъ тасреҳ доранд, ки забони дарӣ забони тозае нест, балки пешинаи куҳан дорад, ки дар арзи забони паҳлавӣ аст.[4]

## ***Дар замони Сомониён ин расм ҷой шуд: ҳар номае, ки - чӣ ба дарбор меояд, ва чӣ аз дарбор берун меравад - танҳо ба забони мардуми маҳал бошад, яъне ки ба забони дарӣ.***

Устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ низ гуфта: форсии дарӣ аз забонҳои худ бавежа эронӣ буда, аз қадим дар меҳани эрониёни шарқӣ, дар сарзамини аҷдоди тоҷикон, дар Хуросон ва Мовароуннаҳр решаҳои амиқи таърихӣ дошта дар баробари забонҳои бостонии суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва ғ. амал мекард ва дар ҳудуди онҳо бо суръат густариш меёфт.[5]

Дар замони Сомониён ин расм ҷой шуд: ҳар номае, ки - чи ба дарбор меояд, ва чи аз дарбор берун меравад - танҳо ба забони мардуми маҳал бошад, яъне ки ба забони дарӣ, ва аз ин рӯй, ки пуштибони забони мардуми маҳал дарбор шудааст, он бо номи порсии дарӣ шӯҳрат ёфтааст. Ба унвони пуштибонии дарбор, мисолеро овардан аз аҳамият холӣ нест: Малик Музаффар Абусолеҳи Сомонӣ бо ин баҳона, ки арабӣ барояш сангин аст, ва аммо мехоҳад аз "Тафсири Табарӣ" огоҳӣ ёбад, донишмандонеро аз Бухоро, Самарқанд ва Балх, Саҷистон ва Бобулҳинд, Сапиҷоб ва Фарғона ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр, ки ин забони порсӣ аз қадим боз медонистанд, дар пойтахт, ки ба гуфтаи тарҷумонҳои "Тафсири Табарӣ", "ин ҷо бад-ин ноҳият забон порсӣ аст ва мулукони инҷониб мулуки Аҷаманд"[6] гирд овард.

Бо иҷозати фақеҳони бузург ин китоби сутург, ки маънии тарҷумаи Қуръони каримро дошт, ба порсии дарӣ баргардон шуд.[7] Бузургтарин кори Сомониён шояд ҳамин

---

[2] Хотун - малика (суғдӣ).

[3] муфассал ниг.: Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ: Зодгоҳи забону адаби тоҷикӣ. - Фаслномаи Муассисаи фарҳангии ЭКО. - Теҳрон, пойизи 1380, шумораи 3, саҳ. 24 ва баъд.

[4] Шафеъии Кадканӣ. - Кӯҳнатарин намунаи шеъри форсӣ. "Ораш", 1341, шумораи 6. саҳ. 2

[5] Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Хуросон аст ин ҷо… Душанбе, Дафтари нашри фарҳанги ниёкон, 1999, саҳ. 141; муфассалтар ниг.: Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ: Порсии дарӣ дар Осиёи Марказӣ. "Интихоб", шумораи 323, 2 Хурдоди 1379, саҳ. 6.

[6] Муҳаммад Ҷарир Табарӣ. Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ", ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳабиб Яғмоӣ, ч. 1-2. - Теҳрон: Тӯс 1367.

[7] ниг.: Мирзо Султон. Сомониён ва шакли забони форсӣ - Сомон, 1999, шумораи 1-4, саҳ. 14.

бошад, ки бақои ҷовидони забони модариро таъмин намудаанд. Ба гуфтаи Эмомалӣ Раҳмон «Сулолаҳои Ғазнавиён, Салҷуқиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён ва Манғитиён, ки қариб ҳазор сол мушти салтанаташон болои сари мардуми тоҷик буд, маҳз ба хотири забони суфтаву ноби тоҷикӣ ва илму фарҳанги волои миллати тоҷик коргузории расмии давлатҳои худро бо забони тоҷикӣ ба роҳ монда, корҳои вазорату девондории дабиронашон ба дасти олимон, адибон ва арбобони давлатии тоҷик буд» (саҳ. 21).[8]

Рӯшан аст, ки дар садаҳои 1 ва 2 ҳиҷрӣ шоирони порсигу будаанд ва шеър сурудаанд, ва аммо он сурудаҳо ба таърихи замон рафтаанд. Бавежа дар тохтутози арабҳо, чун Рӯдакӣ ва ҳамзамононаш ба майдон омаданд, ба забони модарӣ умре абад бахшиданд. Бузургмарде, ки дар бақои забони дарӣ коре бузург анҷом додааст ва номе ҷовидона низ пайдо кардааст Фирдавсии Тӯсӣ аст. Ҳамин тавр, Бӯалӣ Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ аз поягузорони забони илмии дарӣ ба шумор меоянд.

Дарвоқеъ, забони адабии садаи X ғанитарин, шевотарин, зеботарин ва барои баёни дақиқтарин маъниҳои илмӣ, динӣ, бадеӣ қодиртарин забон буд (саҳ. 318).

Арзиши вежаи китоби профессор М. Қосимова дар он аст, ки мустанад мебошад: дар заминаи баррасии вежагиҳои осори ин шоирон ба майдон омадаанд: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Берунии Дақиқӣ, Абулмисли Бухороӣ, Равнақии Бухороӣ, Сипеҳрии Бухороӣ, Ҷалоли Бухороӣ, Абӯшакури Балхӣ, Робияи Балхӣ, Шаҳид Балхӣ, Маъруфии Балхӣ, Абуалмуайяди Балхӣ, Бадеъии Балхӣ, Амораи Марвазӣ, Масъуди Марвазӣ, Хуҷастаи Сарахсӣ, Мунтазири Сомонӣ, Таёни Марғазӣ, Башори Марғазӣ, Абусалик Гургонӣ, Қамарии Ҷурҷонӣ, Абухасас Саъдӣ, Абузари Бузҷонӣ, Мантиқии Розӣ, Абулаббос Ринҷоӣ, Ҳанза Бодғисӣ, Абисҳоқ Ҷуйборӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Фирӯзии Машриқӣ, Муҳаммад Васиф, Абулфатҳ Бустӣ, Абулҳасан Оғоҷӣ, Бассоми Гурд, Маҳмуди Варроқ, Абутайиб Масъабӣ, Ғазвонии Лавкарӣ, Абулъалои Шуштарӣ, Аҳмади Бармакӣ, Аштағнойии Нишопурӣ, Абулфатҳ Пиндор, Хаббозӣ, Абутоҳир Хусравонӣ, Абузироъа Муаммари Гургонӣ, Торӣ ибни Фазли Чағонӣ, Туркӣ Кеши Илоқӣ, Хусравонӣ, Муродӣ, Яздонӣ, Лабибӣ, Кисоӣ, Волволҷӣ, Ҷунайдӣ, Тахорӣ, Чағонӣ. Ҳамин тавр, чаҳор асари барҷастаи мансур: Шоҳномаи Абӯмансурӣ, Ҳудуд-ул-олам, Ҳидоят ул-мутаълимин ва тарҷумаи “Таърихи Табарӣ” низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Нависанда ҳадаф дошта, то вежагиҳои назму насри асрҳои 3 ва 4-ро ба қалам бидиҳад ва асрори сабки хуросониро ошкор бикунад. Бояд эътироф кард, ки муаллиф ба ҳадаф расида. Ҷиҳати намуна, таваҷҷуҳ шавад ба чанд мисоле, ки зикр хоҳад шуд. “Подшоҳ” дар гӯйиш “подшо” талаффуз мешавад ва Масъуди Марвазӣ онро бо вожаи “раво” дар қофия оварда:

*Чу сӣ соле ба гетӣ подшо буд*
*Ки фармонаш ба ҳар ҷое раво буд.*

***

“Зеро” (пайвандаки тобеъкунандаи сабаб) дар суратҳои “азеро” ва “зерок” омадааст:

*Гунаҳкортар дар замона манам*

---

[8] Сабуҳӣ.

*Азеро гирифтори оҳу манам (Фирдавсӣ)*
***
*Доим бар ҷони ӯ биларзам зерок*
*Модари озодагон кам орад фарзанд (Рӯдакӣ)*
***
“Найранг” дар шакли “найранҷ”
*Меҳр афкан бар ин сарои сипанҷ*
*К-ин ҷаҳон пок бозӣ ва найранҷ (Рӯдакӣ)*
***
“Гайҳон” - кайҳон
*Чунин раст гайҳон пурдарду ранҷ*
*Чи нозе ба тоҷу чи бозе ба ганҷ?! (Фирдавсӣ)*
***
“Каж” - каҷ
*Ба зулфи каж валекин ба қадду қомат рост*
*Ба тан дурусту ва лекин ба чашмон бемор (Дақиқӣ)*
***
“Набиз” - набид
*Хушо набиз ғорчӣ 8 бо дӯстон якдила*
*Гетӣ ба ором андаруни маҷлис ба бонгу валвала (Шокири Бухороӣ)*
***
“Зафон” - забон
*Гар бигшояд зафон ба илму ҳикмат*
*Гӯш кун инак ба илму ҳикмати Луқмон (Рӯдакӣ)*
***
“Сорвон” - сорбон
*Барорӣ тан чун тани сорвон*
*Шутур хоҳ аз дашт як корвон (Фирдавсӣ)*
***
“Батар” - бадтар: Аммо “батар” имрӯз ҳам корбурд дорад, бештар дар гуфтор, гоҳе дар навиштор низ:
*Шаби тирагун худ батар зин кунад*
*Ба зери сар аз машк болин кунад (Фирдавсӣ)*
***
“Замӣ” - замин, “ғамӣ” - ғамин:
*Ба хашм андарун шуд аз он зан ғаме*
*Ба хорӣ кашидан ба рӯи замӣ (Фирдавсӣ)*
***
“Эч” - ҳеч
*Огаҳ набуд эч, ки деҳқон маро зи дур*

*Бо он бузургвор арусон ҳама бидид (Башори Марвазӣ)*
***
“Кунҷол” - кунҷора
*Бас панд пазируфтаму ин шеър бигуфтам*
*Аз ман бадали хурмо бас бошад кунҷол (Абулаббоси ...)*
***
“Куҳан” - куҳан, куҳан, куҳна; “або” - бо:
*Бад-ӯ гуфт: лахте панири куҳан*
*Або мағзи бодом бирён пакан (Фирдавсӣ)*
***
*Або барқу бо ҷустан собиқа*
*Або ғулғули раъд дар кӯҳсор (Рӯдакӣ)*

Вожаҳое низ ҳастанд, ки дар форсии муосир тағйири сурат карда, ва аммо дар тоҷикӣ дар ҳамон сурати пешин боқӣ мондааст.
Ҳамонанди: чӯжа, чуҷа
*Чу панди фурумоя сӯи чужа гарояд*
*Шоҳин сунбаи 8 ба тазарвон кунад оҳанг (Ҷалоли Бухороӣ)*
***
“Гӯгирд” - кибрит:
*Гу барфиканад гарм дами хеш ба гугирд*
*Бе пул зи гугирд забона занад оташ (Абулҳасани Оқоҷӣ).*

**_Бузургтарин кори Сомониён_**
**_шояд ҳамин бошад, ки_**
**_бақои ҷовидони забони модариро таъмин намудаанд._**

“Модандар” - номодарӣ:
*Ҷуз ба модандар намонад ин ҷаҳони гурбарӯй*
*Бо писандар кина дорад ҳамчу бо духтандаро (Рӯдакӣ)*
***
“Хусур” - падарзан:
*Ба гавҳар бадон рӯзи танг оварам*
*Ки пеши хусур ҳадяи ҷанг оварам (Фирдавсӣ)*
***
Вожаҳое такрории латиф, ҳамонанди (нармак-нармак):
*Нармак-нармак зи барам берун шуд*
*Меҳраш аз он чи буд, афзун шуд (Шаҳиди Балхӣ)*
***
“Буҷ-буҷ”

*Сухани ширин аз зуфт наёрад бар,*
*Буз ба буҷ-буҷ ҳаргиз нашавад фарбеҳ.*
***
*“Ҷом ҷом … хом хом … ном ном …”*
*Мо май бихостем задан дӯш ҷом ҷом*
*Чун ту биёмадаш, бимондем хом хом*
*Аз одам андарун зи таборат касе намонд*
*Ки ӯро ҳиҷо накардаст Мунҷик ном-ном (Мунҷики Тирмизӣ)*
***

Вожаҳои гуворои дилангез дар он рӯзгор корбурди фаровон доштаанд, монанди: “қирнаъл”:

*Омад насими сунбул бо мушкилу бо қирнаъл*
*Ва овард номи гулбоди сабо зи саҳбо (Кисоӣ)*
***
“Лабакон”:
*Лабакони ту шаҳду ораз моҳ*
*Рӯи чун лолабаргу зулф сиёҳ (Робияи Балхӣ)*
***
“Саҳаргоҳ”:
*Раъд ҳаме нолад монанди ман*
*Чунки бинолам ба саҳаргоҳ зор (Шаҳид Балхӣ)*
***
“Ақиқин”
*Ҳаме монад андар ақиқини қадаҳ*
*Сиришке ки дар лола маъво гирифт (Робияи Балхӣ)*
***
“Марезод”, “бингар”
*Агар бутгар чун ту пайкар нигорад*
*Марезод он хуҷаста даст бингар (Дақиқӣ)*
***
“Санглох”:
*Саҳрои санг руй ва кӯҳи санглохро*
*Аз ситами оҳувон ва гавазнон шиёр кард (Фаролови)*
***
“Доскола”
*Чун даромад он кадевар марди зуфт*
*Бел ҳашту доскола баргирифт (Рӯдакӣ)*
***

Пасоянди исмсоза - имрӯз ҳам фаровон корбурд дорад:

*Дарахте ки хурдак буд, боғбон*

*Бигардонад ӯро чу хоҳад чунон (Абӯшакури Балхӣ).*
***

Лутф дар таҷнис дар он рӯзгор низ корбурд доштааст, ҳамонанди: “ёбад” ва ё “бад”:

*Ҳар касе нек мекунад, ё бад*
*Неку бад, ҳамчунон мекунад, ёбад (Ибни Сино).*

***Забоншиносон собит кардаанд, ки ташаккули забони адабии тоҷикӣ дар асоси гӯйишҳои хуросонӣ ва Осиёи Миёна сурат гирифтааст.***

Чанде дигар аз вежагиҳои забонӣ ин аст, ки вожаҳои арабӣ бо пасояндҳои тоҷикӣ омадаанд: анбарин, аслӣ, бахилӣ, заифӣ, мирӣ, насимакӣ, субҳгоҳ, вожаҳои мураккабӣ бахше арабианд ва бахше тоҷикӣ: оламафрӯз, дарпош, ҷамошчашм, мулукфиреб; вожаҳое ки ҳарду бахш арабӣ ва аммо сохташ тоҷикона: лайлисифат, набисират, алиҳикмат, давлатшиор ва ғ.

Ин воқеият аст, ки моҳ низ бедоғ нест. Дар ин китоб ҳам яке ду мавриди кӯтоҳе ба назар мерасад: вожаи суғдии “хотун” (ба маънии “малика”) туркӣ қаламдод шуда (саҳ. 82), ё исми хоси Себӯя (Sebuya) дар сурати Сибавайҳ (Sibavayh) омадааст (саҳ. 19) ва аммо ҳусни хотимаи китоби устод М. Қосимова дар бораи забони “Шоҳнома”-и ҳаким Фирдавсӣ аст, ки арзёбии нависанда комилан воқеият дорад: забон поку бениҳоят ғанӣ мебошад, агарчи китобҳои бисёре дар бораи вежагиҳои забонии он ба чоп расида, аммо боз ҳам ниёз ба пажуҳишро дорад.

**Сарчашмаҳо:**


1. Қосимова Мукаррама Набиевна. Таърихи забони адабии тоҷик (садаҳои IX ва X). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Китоби 1, Душанбе, 2003, 490 саҳ.
2. Хотун - малика (суғдӣ).
3. Муфассал ниг.: Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ: Зодгоҳи забону адаби тоҷикӣ. - Фаслномаи Муассисаи фарҳангии ЭКО. - Теҳрон, пойизи 1380, шумораи 3, саҳ. 24 ва баъд.
4. Шафеъии Кадканӣ. - Кӯҳнатарин намунаи шеъри форсӣ. “Ораш”, 1341, шумораи 6, саҳ. 2
5. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Хуросон аст ин ҷо… - Душанбе, Дафтари нашри фарҳанги ниёкон, 1999, саҳ. 141; муфассалтар ниг.: Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ: Порсии дарӣ дар Осиёи Марказӣ. “Интихоб”, шумораи 323, 2 Хурдоди 1379, саҳ. 6.
6. Муҳаммад Ҷарир Табарӣ. Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ”, ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳабиби Яғмоӣ, ч. 1-2. - Теҳрон: Тӯс 1367.
7. Ниг.: Мирзо Султон. Сомониён ва шакли забони форсӣ - Сомон, 1999, шумораи 1-4, саҳ. 14.
8. Сабуҳӣ.